**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Айюбзода Хуршеда (Холматова Хуршеда Айюбҷоновна) дар мавзуи "Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардидааст.**

Забоншиносии когнитивӣ яке аз соҳаҳои ҷолибтарин ва баҳсноки забоншиносӣ маҳсуб ёфта, равандҳои равонӣ ва инъикоси забонии онҳоро дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсон меомӯзад. Ин илм ба забон ҳамчун воҳиди коммуникативӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад, ки на танҳо аз нуқтаи назари халқ ва фарҳанг, балки аз нуқтаи назарии як шахс ба шахси дигар фарқ мекунад. Ҳар як шахс мақсади муошират ва хусусиятҳои прагматикии забонии худро дорад, ки идроки ӯро дар раванди синтези гирду атрофаш дар шуури ӯ ба вуҷуд меорад, инъикос мекунад, ки ҳамаи ин ҷабҳаҳоро Айюбзода Хуршеда дар кори худ инъикос кардааст.

Кори илмии мавсуф ба таҳлили яке аз ҷанбаҳои тадқиқотӣ дар забоншиносии когнитивӣ - консепт, аниқтараш, ба ду консепти зидмаъно "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ бахшида шудааст. Мубрамияти мавзӯи мазкурро Айюбзода Хуршеда дар омӯзиши консептосфераи асосии умумифарҳангии муосир бо мақсади таҳлил ва муайян кардани семантикаи ин консепт дар сатҳи миллӣ дар фарҳангҳои гуногуни забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ мебинад.

Рисолаи доктори фалсафа (PhD) Айюбзода Хуршеда дар мавзӯи "Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" аз зумраи чунин тадқиқоте мебошад, ки ба таҳлилу омӯзиши муқоисавӣ-таърихӣ ва қиёсии доираи консептҳои "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикиву англисӣ бахшида шудааст. Он ба муқарраароти методологӣ дуруст асос

ёфта, ҳам ба назарияи умумӣ ва ҳам ба тадқиқи муқоисавӣ такя намудааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт, замима иборат буда, бобҳои он ба вазъи омӯзиш ва инъикоси консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ руҷӯъ шудааст.

Аз нигориш ва муҳтавои автореферати диссертатсия пайдост, ки он бо фарогирии ҳосили мутолеаи осори фаровони адабиву бадеӣ, сарчашмаҳои муайян, пажуҳишоти донишмандони шарқиву ғарбӣ ба қалам омада, бо забони илмӣ ва корбурди равишҳои муосири таҳқиқӣ нигориш шудааст.

Дар муқаддима муаллиф оид ба мубрамӣ ва зарурати баргузории тадқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъала, заминаҳои методологӣ ва назариявии тадқиқот, объект ва мавзӯи тадқиқот, мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, навгониҳо, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, усулҳои истифодашуда, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия ва интишорот аз рӯйи натиҷаҳои омӯзиш маълумот додааст.

Боби якуми диссертатсия – “Асосҳои назариявии таҳқиқи консепт” унвон дошта, аз панҷ зербоб иборат аст. Масъалаҳои баррасишавандаи боби мазкур омӯзиши забоншиносии когнитивии муосир ҳамчун илм, ҷанбаи лингвофарҳангии робитаи забон ва фарҳанг, усулҳои дифференсиалии таърифи консепт, моҳияти тасвири олам ва ташаккули забоншиносии шинохтии ватаниву хориҷӣ мебошанд.

Консептҳое, ки дар шуури одамон ба вуҷуд меоянд, на танҳо ба маънои вожаҳои аз луғатҳо гирифташуда, балки дар асоси таҷрибаи фардӣ, миллӣ, фарҳангӣ-таърихӣ низ ба вуҷуд меоянд, таҷриба ҳар қадар ғанӣ бошад, доираи мафҳум ҳамон қадар васеътар мешавад, он дар ҳамаи ҷанбаҳои мафҳум инъикос меёбад, ки ҳар яки онҳоро довталаб нишон додааст.

Боби дуюм “Консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар системаи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ном дошта, аз се зербоб иборат буда, он фарогири масъалаҳои шакли дохилии консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ”, шарҳи консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар луғатҳои этимологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ифодаи маҷозии консепти “бойигарӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Боби сеюм “Мавқеи консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар фразеологиияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон дошта, аз панҷ зербоб иборат аст. Дар ин боб мувофиқати номи консептҳои таҳқиқшаванда аз лиҳози лингвофарҳангӣ, идиома манбаи асосии консептҳои таҳқиқшаванда, накши ин консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар ташаккули зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таркибҳои когнитивии фразеологӣ ва ҷараёни инкишофи консептҳои таҳқиқшаванда дар забони тоҷикӣ (дар охири асри XX) баррасӣ шудаанд.

Ҳамин тавр, диссертант Айюбзода Хуршеда дар мавзӯи муҳиму мубрам таҳқиқоти судманду комилеро анҷом дода, дар забоншиносии тоҷик кашфиёти тозаеро эҷод кардааст. Номбурда дар иҷрои чунин кор заҳмати фаровон кашида, осори зиёди таҳқиқии ватаниву хориҷии марбут ба мавзӯъро бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода кардааст.

Рисола бо забони илмӣ навишта шуда, мустақилияти бештари муаллиф сартосари он эҳсос мешавад. Ҳамчунин диссертант ба мақсади пешгузаштаи худ пурра муваффақ шудааст.

Дар баробари дастовардҳои зиёд дар рисола бархе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ба андешаи мо, довталаб дар банди «Мубрамии мавзуи таҳқиқот» далелҳои мушаххастар овардан мувофиқи мақсад мебуд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи муаллиф аст.

Бояд гуфт, ки нуқсонҳои мазкур зудислоҳшаванда буда, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи мавриди назарро метавон чунин хулоса кард: диссертатсия дар мавзӯи мубрам ва ҳанӯз таҳқиқнашуда таълиф гаштааст, мазмуни кор ба мавзӯъ ва шиносномаи (шифр) ихтисос мутобиқ аст, автореферат муҳтавои диссертатсияро дарбар мегирад, натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқ муфассал дар 15 мақолаи илмӣ интишор ёфтааст, диссертатсия маҳсули эҷоди унвонҷӯи дараҷаи илмӣ мебошад.

Диссертатсияи Айюбзода Хуршеда дар мавзӯи "Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) аст.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсент
мудири шуъбаи робитаҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон Шарипов Комилҷон Каримович

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, вилояти Суғд
маҳаллаи 29, кӯчаи Мавҷуда Ҳакимова 39
Тел.: (+992) 927732137
E-mail: drsharipovkomilzhon@mail.ru

Имзои К.К. Шарипов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Бобоев А.Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, вилояти Суғд
маҳаллаи 17, хонаи 1
Тел.: (+9923422) 2-38-11
E-mail: tsulbp@rambler.ru

_19_ _майи_ соли 202_5_.